«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
____________________
«___» ____________2022с.

# НУСХА АЗ СУРАТҶАЛАСАИ № 2

аз суратмаҷлиси ҷаласаи васеъи Шӯрои олимони факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

аз 26.09. 2022 ш. Душанбе

**Раиси ҷаласа:** д.и.п., дотсент Датторзода Б.А.
**Котиб**: н.и.и., Шодиев Ф.Т.

**Иштирок доштанд**: д.и.и., профессор Факеров Ҳ.Н., д.и.и., профессор Кошонова М.Р., н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., н.и.и., дотсент Қодиров Ф.А., н.и.п., дотсент Датторзода Б.А., н.и.и., дотсент Нуридинов С.З., н.и.и., дотсент Тағоев Б.Д., н.и.и., дотсент Камолов К.З., н.и.и., дотсент Шукуров С.М., н.и.и., дотсент Исломов Т.С., н.и.и., Ҳусайнов М.С., н.и.и., муаллими калон Урунбаева Н.А., н.и.и. Шодиев Ф.Т., муаллими калон Нурублоева М.М. ассистент Баротов А.Х., ассистент Халифазода Ҷ.Б.,., ассистент Расулзода Ҳ.М., ассистентони кафедраҳо Қаландаров Р.Ш., Қурбонова Ш.Б., Ҳоҷиев Ҷ.Н., Файзулоев Ҳ.П., Давлатов Б.С., Давлатов Б.Ш., Мирзоев Н.А. ва унвонҷӯён.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ Исайнова Манижа Ҳисайновна дар мавзуи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 - иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод карда шудааст.

**Шунида шуд:** Баромади унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ Исайнова Манижа Ҳисайновна оид ба муҳтавои асосии натиҷаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар мавзуи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)».

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён д.и.и., профессор Фақиров Ҳ.Н., н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., н.и.и., дотсент Шукуров С.М., н.и.и., дотсент Камолов З.К., ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба саволҳои онҳо Исайнова Манижа Ҳисайнована ҷавобҳои мукаммал дод.

**Баромад карданд:** Муқарризи холис - н.и.и., дотсент Қодиров Ф.А. Бояд қайд кард, ки унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқоти илмӣ аз асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти асарҳои илмии олимони ватанию хориҷии соҳа оид

ба масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ васеъ истифода намудааст. Қайд кардан зарур аст, ки диссертатсия сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ шудаанд, инчунин пешниҳоду таклифҳои муаллиф илман асоснок таҳия гардидаанд. Ҳамаи эрод ва пешниҳодҳо дар тақриз ба таври амиқ оварда шудаанд.

Муқарризи холис - н.и.и., дотсент Аҳмадов Р.Р. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи Исайнова Манижа Ҳисайновна мавзуи бисёр актуалӣ барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Тағйирёбии вазъи бозорҳои агроозуқаворӣ, меъёрҳо ва миқдори талаботи аҳолӣ ба маводи ғизоӣ ҳамзамон дигаргуншавии муносибатҳои субъекҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти агроозуқаворӣ масъалаҳои таҳқиқи таъмини озуқавории аҳолиро зиёд мегардонад. Дар асоси гуфтаҳои боло, мо чунин меҳисобем, ки диссертатсияи Исайнова Манижа Ҳисайновна ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, онро пас аз ислоҳи эроду камбудиҳо барои муҳокимаи навбатӣ тавсия додан мумкин аст.

**Муҳокима**: д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н. ва н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., н.и.и., Урунбоев А. баромад намуда қайд карданд, ки мавзуи илмии баррасинамудаи унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ Исайнова Манижа Ҳисайновна ба талаботҳои шароити имрӯзаи иқтисодиёти мамлакат ва дурнамои инкишофи он ҷабовгӯ буда, мавзуи актуалӣ ба ҳисоб меравад. Дар маҷмуъ диссертатсия дар мавзуи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст, ба талаботҳо ҷавобгӯ буда, ба зинаҳои минбаъдаи ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Исайнова М.Ҳ. дар мавзуи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Исайнова М.Ҳ. дар мавзуи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди ДДМИТ пешниҳод карда шавад;

3. Назорати қарори мазкур ба зиммаи раиси Шӯрои олимон, декани факултет вогузор карда шавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои олимони факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 26.09. 2022, суратҷаласаи №2 қабул гардидааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ:
Тарафдор - 13;
Муқобил - нест;
Бетараф - нест.

Раиси Шӯрои олимони факултети
иқтисод ва бизнеси ДДМИТ
д.и.п., дотсент Сатторзода Б.А.

Котиби илмии Шӯрои олимони
факултети иқтисод ва бизнеси ДДМИТ
н.и.и. Шодиев Ф.Т.

Муқарриз
н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисоди
корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ Қодиров Ф.А.

Муқарриз
н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии
давлатӣ ва маҳаллии ДМТ Аҳмадов Р.Р.

Имзоҳои Сатторзода Б.А., Шодиев Ф.Т.,
Қодиров Ф.А.- ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ Шарипов У.А.
«27» сентябри 2022 с.

Имзои Аҳмадов Р.Р.- ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«27» сентябри 2022 с.